# ПАРЧАМАТ БОДО ПАРАФШОН, ТОҶИКИСТОН!


Барои ҳифзи Ватан, таҳкими Истиқлолият
ва амнияти миллӣ тайёрем!

# Родмардон


**Эҳсоси муҳаббат ба муқаддасоти миллӣ, аз ҷумла ба Парчами давлатӣ ҳамчун муҳаббат ба Модар – Ватан бояд дар зеҳни фарзандон аз овони хурдсолӣ тарбия карда шавад.**

**Эмомалӣ Раҳмон**


№10(187)
24 ноябри соли 2021

Нашрияи тарбияи ҳарбию ватанпарастии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон


# ЯК ПОРАИ ДИЛАМ

Рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» муайян мегардад. Тоҷикистони азизи мо ҳамчун як давлати соҳибистиқлол ва узви комилҳуқуқи Созмони Милали Муттаҳид соҳиби рамзҳои давлатии худ аст, ки яке аз онҳо парчам мебошад.

Парчами давлати Тоҷикистон аз матои росткунҷа буда, дар он се рахи ранга ба таври уфуқӣ ҷой гирифтааст. Рахи боло ранги сурх дошта, паҳнои он бо рахи сабзи поён баробар аст, рахи сафеди байн якуним баробари паҳноии яке аз раххои ранга мебошад. Дар рӯи рахи сафед аз ҷои чӯбдаста дар мобайни парчам бо зарҳал рамзи тоҷ ва дар болои он ҳафт ситора дар шакли нимдоира тасвир шудааст. Рангҳои парчам ва тасвирҳо рамзҳои махсусро ифода мекунад. Ранги сурх дар парчам ҳамчун рамзи мубориза ва ҷоннисориҳои халқ баҳри озодӣ ва истиқлол ифода ёфтааст.

Ранги сафед ҳамчун рамзи бахту иқболи сафед ва покизагӣ ифода ёфтааст ва дар гузашта тимсоли рамзи покию тозагӣ, рамзи ҳаёту абадият ва заволи зулматро мефаҳмонад.



Рамзи сабз ифодагари саъю кӯшиш ва заҳмату меҳнати мардуми тоҷик барои сарсабзу хуррам гардонидани кишвар мебошад ва дар гузашта маънои рамзи зиндагӣ ва сарсабзиро дошт.

Парчам таърихи зиёда аз севунимҳазорсола дорад ва ба тасдиқи аҳли тадқиқ, парчамҳои аввалин дар кишварҳои бостонии Эрон, Чин ва Миср арзи ҳастӣ кардаанд.

Ориён – порсҳо, суғдиён, бохтариён аз қадимтарин мардумони парчамдор будаанд. Дар Тоҷикистони Шуравӣ бо тақозои талабот ва сиёсати вақт то замони соҳибистиқлолӣ тарҳ ва ранги парчам қариб ҳафт маротиба иваз карда шудааст. Соли 1928 алифбои тоҷикӣ аз форсӣ ба лотинӣ табдил дода шуд, аз ин рӯ соли 1940 номи ҷумҳурӣ дар парчам бо ҳарфҳои зарҳалии лотинӣ ва русӣ навишда шуд. Аз соли 1946 -аз давраи гузариш аз алифбои лотинӣ ба алифбои кириллии русӣ то соли 1953 ранги он сурх боқӣ монда, бо ҳарфҳои зарҳалии кириллии тоҷикӣ ва кириллии русӣ навишта шуда, дар болои номи ҷумҳурӣ нишонаи заррин «досу пукт» нигошта шуд.



20-уми марти соли 1953 тарҳи нави парчами Тоҷикистон кашида шуд, ки он аз порчаи сурхе иборат буда, ду рахи сурх ва сабз дошт. Ин парчам то 9-уми сентябри соли 1991 рамзи ифодакунандаи давлати тоҷикон буд. Аз соли 1991 то 24-уми ноябри соли 1992 парчами пешинаи Тоҷикистони Шуравиро бо андаке дигаргуни ба кор бурда, ҳамзамон комиссияи махсус таъсис ва озмуни тарҳи нави Парчами давлатӣ эълон карда шуд. Ба озмун зиёда аз 200 лоиҳа пешниҳод гардид.

24-уми ноябри соли 1992 дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон парчами Тоҷикистони соҳибистиқлол қабул гардид.

Парчами замони соҳибгистиқлолӣ ба дилу дидаи тамоми мардуми тоҷик ҷой гирифта, онро ҳамчун арзиши бебаҳову писандида ҳифз менамоянд. Тули 29 сол аст, ки парчами зебову хушранги Ҷумҳурии Тоҷикистон пештоқи қасрҳову муассисаҳо, идораву ташкилотҳои давлатӣ, корхонаю фарҳангҷойҳо, кӯчаву хиёбонҳо ва ҷашнгоҳу дабистонҳоро оро медиҳад. Барои мардуми шарифи Тоҷикистон парчам як пораи дил аст, на як пораи матоъи рамздор. Як ҳиссаи ҷону лахте аз ҷигар аст, шарафу эътибор ва бахту саодат аст. Он барои хурду калон муқаддас аст. Онро ба даст гирифта, худро дар ҷодаҳои зафар эҳсос мекунанд. Бешак дар парчам қувваи мӯъҷизанамое ниҳон аст, ки банди дил кушода шуда, дар шахс ҳавои қаҳрамонӣ падидор мешавад, ба сони касе, ки дар риштаи илм, фарҳанг ва ё варзиш пирӯзӣ ба даст оварда, ба шарафи ӯ тахти садои Суруди миллӣ Парчам барафрохта мешавад.

*Эй Парчами умед,*
*як пораи дилам,*
*Пайванд гаштаи дар*
*обу дар гилам.*
*Дар бахри қисматам,*
*эй нохудои бахт,*
*Бо тоҷу тахти худ овар*
*ба соҳилам.*

Қадршиносӣ аз Парчами давлатӣ арҷгузорӣ ва ифтихор аз давлат, аз гузаштаву имрӯза ва фардои пуранвори халқ буда, омили муҳими хештаншиносӣ ба шумор меравад. Он рамзи ватандорӣ, нангу номус, ваҳдати миллӣ ва худогоҳию худшиносии миллист. Парчам мардуми шарифи Тоҷикистонро ба ҷодаҳои созандагиву зафар ҳидоят менамояд.

*Саодат САТТОРӢ*

*Парчами мо ифтихори мо бувад,*
*Қуввати руҳу мадори мо бувад.*
*Сурхии он сурхии рухсори мо*
*Доимо, бигзор, сарболо бувад.*
* * *
*Дар парчами коваёни миллат*
*Сабт аст намову шони миллат.*
*Сабз асту сафеду лоларанг аст,*
*Имону тану равони миллат.*
*Дар парчами сабзи коваёнӣ,*
*Сабт аст намои ориёнӣ.*
* * *
*Парчами мо дар фарози осмон*
*Бошад аз иқболу бахти мо нишон.*
*Рангҳояш бо фарах дил мебарад,*
*Шукри сулҳу шукри ваҳдат ҳар замон.*

### «ПЕШВОИ МИЛЛАТ ВА СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ЗАБОН»

Ба ифтихори 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон китоби «Пешвои миллат ва сиёсати давлатии забон» аз ҷониби Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва нашр гардид. Дар он фикру андешаҳои муҳаққиқону донишмандони варзидаи ҷумҳурӣ нисбат ба асари безавол ва бузургҳомуси миллии тамаддунсози асрҳо ва замонҳо – «Забони миллат – ҳастии миллат», ки ба қалами Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мансуб аст, гирд оварда шудаанд.

Дар асари мазкур аз муҳтавои навиштаҳои илмии муҳаққиқони риштаи забоншиносӣ, адабиётшиносӣ ва таъриху фарҳанги ҷумҳурӣ бармеояд, ки асари тозанашри дуҷилдаи мазкур дар ҳавзаи илмии муҳаққиқон ва дар доираи аҳли зиё мақому манзалати беназир касб намудааст.

### «ТОҶИКОН» БА ХИЗМАТЧИЁНИ ҲАРБӢ

Ба ноҳияи Синои шаҳри Душанбе зиёда аз 95 ҳазор нусха асари бунёдии Қаҳрамони Тоҷикистон, академик Бобоҷон Ғафуров «Тоҷикон» дастрас карда шуд. Дар ноҳия аз ҳисоби раисони маҳаллаҳо ва кормандони маорифи ноҳия гурӯҳи корӣ ташкил гардида, аъзои гурӯҳи мазкур ин туҳфаро ба ҳар оилаи ноҳия расонданд. Бо сокинони биноҳои хизматии афсарон, ки дар ҳудуди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ҷойгир шудаанд, китоби мазкур аз номи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақдим гардид.

Мутолиаи шоҳасари академик Бобоҷон Ғафуров — китоби «Тоҷикон» барои ҳар тоҷику тоҷикистонӣ муҳим мебошад.

Китоби «Тоҷикон»-и аллома Бобоҷон Ғафуров бо мақсади омӯзиши амиқи таърихи пурифтихори халқи тоҷик аз ҳисоби фонди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп гардида, ба ҳар оилаи мамлакат тақдим гардид. Ин ганҷинаи пурарзиш барои ҳар фарди Тоҷикистон сарчашмаи муҳими худомӯзӣ мебошад ва ҳар хонанда метавонад аз он баҳра бардошта, донишашро такмил диҳад.

Китоби «Тоҷикон» барои дар рӯҳияи хештаншиносӣ, ифтихори миллӣ, пос доштани анъанаҳои неки ниёгон тарбия намудани наврасону ҷавонон аз аҳамияти муҳим бархӯрдор аст. Ин шоҳасар насли имрӯз ва ояндаи миллатро ба он ҳидоят менамояд, ки аз гузашта сабақ гирифта, бо мутолиаи ин асари пурарзиш аз таърихи гузаштаи миллати тамаддунофари худ огоҳ гарданд.

### МУБОРАК БОД!

Варзишгари шинохтаи тоҷик Акмалиддин Каримов дар панҷумин финал дар Мусобиқаи ҷаҳонии самбо дар шаҳри Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар вазни 58 кг ба гирифтани медали тилло мушарраф гардид,

Ӯ бо пойи латхӯрда, вале бо иродаи қавию матонати хосса самбочии рус Саян Хертекро дар даври ниҳоӣ мағлуб намуда, ба унвони чемпионӣ даст ёфт.

Ҳамчунин рақобати варзишгари дигари маъруфи кишвар, чемпиони ҷаҳон дар соли 2018 Хушқадам Хусравов дар даври ниҳоии Чемпионати ҷаҳон оид ба самбо бо варзишгари қазоқ Жананиет Роҳат танҳо сурат гирифт. Хушқадам Хусравов дар ин



мусобиқа соҳиби медали нуқра гардид.

Акмалиддин Каримов нафари панҷум аст, ки дар замони соҳибистиқлолии кишвар дар намуди самбо ба дарёфти унвони чемпиони ҷаҳон шарафёб мешавад. Соли 2005 Сайриддин Икромов, соли 2009 Эраҷ Раҳимов дар самбои размӣ, соли 2017 Беҳрӯз Хоҷазода ва соли 2018 Хушқадам Хусравов дар самбои варзишӣ чемпиони ҷаҳон шуданд.

Самбочиёни мо аз соли 1993 дар чемпионати ҷаҳон иштирок мекунанд ва то имрӯз 48 медал – 5 тилло, 16 нуқра, 27 биринҷӣ ба даст овардаанд.

### РОҲКИРО ЧАНД АСТ?

Қимати хидматрасонии нақлиёти ҷамъиятӣ дар шаҳри Душанбе боло рафт.

Афзоиши роҳкиро дар пойтахт бар асоси хулосаи шуъбаи Хадамоти зиддиинҳисорӣ дар пойтахт, муроҷиати корхонаҳои коммуналии нақлиётӣ ва ширкату ҷамъиятҳои мусофирбарӣ, тибқи фармоиши Муассисаи давлатии коммуналии «Душанбенақлиётхадамотрасон» сурат гирифтааст.

Аз 10 ноябри соли равон тибқи қарори нав, роҳкиро дар хатсайрҳои шаҳри Душанбе барои як мусофир ба таври ғайринақдӣ барои истифода аз автобусҳо 1,80, аз тариқи кортҳои якбормасраф 2,80, троллейбусҳо ба таври ғайринақдӣ 1,50 ва аз тариқи кортҳои якбормасраф 2 сомонӣ муқаррар шудааст.

Барои микроавтобусҳо 2,50 ва барои истифодаи таксӣ дар як километр 3,00 сомонӣ муқаррар гардидааст.

Ёдовар мешавем, қаблан роҳкиро дар автобусҳо барои як мусофир 1,20, троллейбус 0,70 ва микроавтобус 1,60 сомонӣ буд.

## ХАБАРҲО

### ЧОРШАНБЕ АЛОВАТОВ «THE CENTRAL ASIA'S GOT TALENT» БА ДУШАНДЕ ОВАРД

Муассисаи давлатии «Телевизиони Сафина» Озмуни телевизионии «The Central Asia's Got Talent» оғоз гардид, ки он тавассути 5 шабакаи телевизионии ҷаҳон- «НТК»-и Қазоқистон, «Севимли»-и Ӯзбекистон, КТРК-и Қирғизистон, «ТВ Сафина»-и Тоҷикистон ва ҳамчунин «Хазар ТВ»-и Озарбойҷон пахш мешавад, инъикос мекунад. Озмун 15 ноябри соли равон оғоз гардид.

Дар Озмуни телевизионии «The Central Asia's Got Talent» сокинони соҳибистеъдод аз Тоҷикистон, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон ва имсол аз Озарбойҷон, новобаста ба сол ва шуғл иштирок карда метавонанд. Озмун дар панҷ марҳила сурат мегирад: кастинг, санҷишҳои кушод, чорякфинал, нимфинал ва Гранфинал. Дар даври аввал истеъдодҳо аз ҷониби аъзои ҳакамон интихоб мешаванд, дар даври охирин ғолиби асосӣ аз ҷониби тамошобинон тариқи смс паёмак интихоб мегардад.

Бояд гуфт, ки соли 2019 овозхони ҷавони тоҷик Чоршанбе Аловатов ғолиби мутлақи озмун ва гирандаи 10 миллион тангаи қазоқӣ, баробар ба беш аз 26 ҳазор доллар ҷоизаи асосии озмун гардида буд.

## Ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат «Шараф»

### ТАҶЛИЛИ РӮЗИ ПРЕЗИДЕНТ ДАР ГВАРДИЯИ МИЛЛӢ



Ба ифтихори Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар толори қисми ҳарбии 051052-и Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон чорабинии тантанавӣ баргузор гардид. Тибқи анъанаи низомиён пеш аз оғози ҷамъомад Байрақи Ҷангӣ ва Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон вориди минбар карда шуд. Сипас, ҳайати роҳбарикунандаи Гвардияи миллӣ, намояндагон аз Маркази тадқиқоти стратегӣ ва Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вориди минбар шуданд. Суруди миллӣ садо дод.

Дар идомаи чорабинӣ муовини Фармондеҳи Гвардияи миллӣ оид ба корҳои сиёсӣ-тарбиявӣ бо нутқи пурмуҳтаво аз Иҷлосияи таърихӣ сухан оғоз намуд. Дар навбати худ намояндагони Маркази тадқиқоти стратегӣ ва Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба баргузории Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олӣ ҳамчун саҳифаи таърихӣ ва ба арсаи сиёсат баромадани Сарвари давлат, нақши созанда ва бунёдгузори Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар эъмори давлати навини тоҷикон силсилаи маърузаҳоро баён намуданд. Қайд гардид, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз зумраи шахсиятҳои бузурге мебошанд, ки на танҳо дар ташаккули давлатдорӣ ва созандагию бунёдкорӣ, балки барои муаррифӣ ва баланд бардоштани нуфузи миллатамон корҳои зиёдеро ба анҷом расонидаанд.



Дар кишвар ҷанги шаҳрвандиро, ки ҳоҷагони хориҷӣ ба сари миллати тоҷик оварда буданд, хомуш карда, тавонист миллатро аз пароканда ва давлатро аз нобудӣ раҳо диҳад. Маҳз бо заҳмат ва талошҳои шабонарӯзии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Тоҷикистон истиқлолияти комил ва сулҳу амнияти пойдор гардид. Таъкид шуд, ки ташаббусҳои ҷаҳонӣ ва афкори созандаи Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ вобаста ба рафъи мушкилоти мардуми сайёра дастгирӣ намуда, дар амал татбиқ менамоянд. Дар ин рӯзи таърихӣ аз қаҳрамонӣ ва заҳматҳои бесобиқаи Пешвои миллат ёдовар шудан аз рӯи ифтихор ва ихлосмандии халқи тоҷик ба Пешвои худ мебошад.

Воқеан, имрӯз халқи шарафманди Тоҷикистон зери роҳбарии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сӯи ояндаи дурахшон, муваффақияту комёбиҳо, ба сӯи амалӣ гаштани орзуҳои хурду бузурги тоҷик қадам мегузорад. Имрӯз кулли хизматчиёни ҳарбӣ дар партави дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри ҳифзи Ватан, музаффариятҳои истиқлолият содиқона хизмат мекунанд. Дар охири чорабинии тантанавӣ аҳли толор ба Президенти Ҷумҳури Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Шараф» фиристода, садоқату самимияти худро баён намуданд.

## НАБЗИ ГВАРДИЯ

### НАТИҶАИ ХИЗМАТ БАҲОГӮЗОРИ МЕШАВАД!

15 ноябри соли равон комиссияи санҷиши маҷмӯӣ дар ҳайати ду гурӯҳ аз ҳисоби афсарони фармондеҳии Гвардияи миллӣ таъсис дода шуда, то санаи 10-уми декабри соли равон ҳолати омодабоии ҷангӣ ва сафарбарӣ, тайёрии ҷангӣ, хизмати қӯшунҳо ва бехатарии хизмати ҳарбӣ, тайёрии ҷамъиятиву давлатӣ ва ахбороти сиёсӣ, ҳолати интизоми ҳарбӣ, таъминот, ҳолати аслиҳа, техникаи ҳарбӣ ва таъминоти ақибгоҳии қисмҳои ҳарбии Гвардияи миллӣ дар соли таҳсили 2021 мавриди санҷиш ва баҳогузорӣ қарор дода мешавад.

Гурӯҳи якум зери роҳбарии сардори Сарситод-муовини аввали Фармондеҳи Гвардияи миллӣ генерал-майори гвардия Ализода Ҷонибек кори ҳудро аз қисмҳои ҳарбии гарнизони Душанбе ва гурӯҳи дуюм бошад зери роҳбарии муовини Фармондеҳи Гвардияи миллӣ оид ба тайёрии ҷангӣ ва махсус полковники гвардия Одиназода Аъзам аз вилояти Суғд оғоз намуданд.

Ҳайати гурӯҳ зимни фаъолияти санҷишӣ сатҳи ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои давраи хониш оид ба амали ҳайати шахсии қисмҳои ҳарбӣ бо бонгҳои гуногуни омодабоии ҷангӣ, дониши афсарону прапоршикон ва сержантон ҳангоми иҷрои вазифаҳои наряди шабонарӯзӣ ва қаровулӣ, амали навбатдорони қисмҳои ҳарбӣ тибқи алгоритми корӣ, ҳолати дурусти борхалтаҳо, таъминоти ҳаматарафаи ҳайати шахсӣ, фаъолияти самтҳои хизматӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои роҳбарикунанда, иҷроиши нақша-чорабиниҳо, машғулиятҳои таълимӣ ва дигар паҳлуҳои хизмати ҳарбиро тибқи нақшаи тасдиқшуда, баҳогузорӣ намуда, ба Фармондеҳи Гвардияи миллӣ маълумоти муфассал пешниҳод менамоянд. Албатта, санҷиши ҳамаҷонибаву мукаммал метавонад боиси пешрафту дигаргуниҳои ҷиддӣ дар фаъолияти хизматчиёни ҳарбӣ ва самтҳои муҳими хизмати ҳарбӣ гардад.

# Рӯзи Президент - ҷашни ифтихору садоқат



16 ноябр, дар Тоҷикистон Рӯзи Президент таҷлил карда мешавад. Маҳз дар ҳамин рӯз соли 1992 дар Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии мамлакат дар шаҳри Хуҷанд Эмомалӣ Раҳмон Раиси Шӯрои Олӣ интихоб гардиданд ва дар таърихи миллати тоҷик ва давлатдории тоҷикон марҳилаи муҳиму созанда ва сарнавиштсоз оғоз гардид. Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзи аввалини интихоб ба сифати Сарвари давлати тоҷикон эълом доштанд, ки ҳадафи асосиашон истиқрори сулҳ, баргардонидани гурезаҳо ва ваҳдат мебошад. Таъкиди ибораи «Ман қасам ёд мекунам, ки тамоми донишу таҷрибаамро барои дар ҳар хона ва ҳар оила барқарор шудани сулҳ равона карда, барои гулгулшукуфоии Ватани азизам садоқатмандона меҳнат мекунам. Барои ноил шудан ба ин нияти муқаддас агар лозим шавад, ҷон нисор мекунам, чунки ман ба ояндаи неки Ватанам ва ҳаёти хушбахтонаи халқи азияткашидаам бовар дорам» дар аввалин суханронӣ далели қатъият дар кори сулҳ ва махсусияти шахсияти Пешвои миллат мебошад.

16 ноябр дар ҳаёти миллати тоҷик рӯзи хотирмону фаромушношуданист. Маҳз дар ҳамин рӯз, яъне 16 ноябри соли 1992 Иҷлосияи тақдирсози давлату миллат баргузор гардид, ки он ба бунёди ҷомеаи навин, барқарор намудани сулҳу субот, мустаҳкам гардонидани шохаҳои ҳокимияти давлатӣ заминаи асосӣ гузошт ва аз ҳама муҳим роҳбари ғамхор, Пешвои миллати тоҷикро ба арсаи сиёсат баровард (муаррифӣ намуд). Дар ҳамин рӯз шахсе, ки миллатро аз парокандагӣ ва давлатро аз нобудӣ тавонист раҳо намояд, зимоми давлатдориро ба даст гирифт. Албатта, ҳар як ҷашн сабаб ва омилҳои хоси худро дорад. Аммо таҷлили ин рӯз, яъне Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба баргузории ҳамин иҷлосияи сарнавиштсози давлат рабт дорад. Таърих гувоҳ аст, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба вазифаи Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шудаанд ва тамоми ҳастии худро баҳри сарҷамъ сохтани миллати тоҷик, барқарор намудани сулҳу Ваҳдати миллӣ ва пешрафту муаррифии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ҷаҳду талошҳои бедареғ намудаанд.

Ҷиҳати ноил шудан ба сулҳу суббот, пурзӯр намудани ҳокимияти иҷроия, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти он, такмили механизми иҷрои қонунҳо, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ зарурати қабули Конститутсияи навини Тоҷикистони соҳибистиқлол гардид. Санаи 6 ноябри соли 1994 аввалин Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. Парчаму нишони давлатӣ ва Суруди миллӣ қабул гардид. Дар мамлакат шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартибот мустаҳкам гардонида шуданд. 27-уми июни соли 1997 Созишномаи умумии Истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба имзо расид, ки Тоҷикистони маҳбубамон ба ваҳдати комил соҳиб гардид.

Дар зарфи 30 соли соҳибистиқлолӣ бо заҳматҳои фарзанди фарзонаи миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва мардуми шарафманди кишвар муваффақияту комёбиҳои беназир дар ҳама ҷамбаҳои ҳаёт ба даст омадааст. Хизматҳои бузурги пурарзиши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Маҷлиси Олӣ қадр карда шуд. 11 декабри соли 1999 муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон



ба унвони олии “Қаҳрамони Тоҷикистон” сарфароз гардонида шуд. Ҳамзамон санаи 14 ноябри соли 2016, №1356 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат” қабул гардид.

Ба хотири хизматҳои шоистаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мувофиқи моддаи 2-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид», ки санаи 14 майи соли 2016 ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шуд, 16-уми ноябр ҳамчун «Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷашн гирифта мешавад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон меъмори давлатдории мустақили тоҷикон, сулҳу ваҳдати миллӣ, кафили рушди босубот дар кишварамон мебошад. Бо шарофати заҳматҳои шабонарӯзии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хурду бузурги кишвар ҳаёти осоишта ва зиндагии орому осуда муяссар гардидааст. Бинобар ин ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон ба хусус мо хизматчиёни ҳарбиро мебояд, ки ба қадри заҳматҳои кашидаи Президенти кишвар бирасем, сиёсати созанда ва бунёдкоронаашро аз дилу ҷон дастгирӣ намуда, дар амал татбиқ созем. Ҳамчун пайравони асили Пешвои худ ба халқу Ватан содиқона хизмат намоем.

**16 РАҚАМИ ОДӢ НЕСТ, ТАЪРИХИСТ**

*Рақами 16 барои «Қасри Арбоб» ва дар маҷмӯъ барои миллати тоҷик рақами одӣ набуда, балки рақами таърихист, зеро дар сохтмони «Қасри Арбоб» 16 сутун истифода гардидааст, Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Қасри Арбоб 16 ноябр доир гардида, 16 рӯз идома ёфтааст. 16 ноябри соли 1994 муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон савганд ёд карданд. Шурӯъ аз соли 2016 16 ноябр дар Тоҷикистон Рӯзи Президент таҷлил карда мешавад. Аз ин рӯ, якчанд маротиба такрор ёфтани рақами 16 дар санаҳои таърихии кишвар бозгӯи рақами таърихӣ будани 16 аст.*

***Ман дидам чӣ гуна Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ҷон ба кафи даст, зери тиру туп ба Афғонистон омад. Роҳбаре, ки барои мардумаш ҷонашро дареғ намедорад, қодир аст сулҳ оварад. Бояд атрофи ӯ муттаҳид шуд ва манзалаташро гиромӣ дошт. Бадбахтии миллати мо-афғонҳо дар он буд, ки чунин роҳбари ғамхор надоштем.***

*Аҳмадшоҳи Масъуд*



*Лейтенанти хурди гвардия Илоҳиҷон НАСРИДДИНОВ, хабарнигор*

## Андешаҳо дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ РАҲМОН

Хушбахтона, мо, тоҷикон Пешвои ватандӯст ва ҳидояткоре дорем, ки бо сиришти хастагинопазири саршор аз тозаҷӯиву тозакориҳо, саршор аз иқдому ташаббусҳо ва ҳидоятҳои пешбарандаву барозанда пайваста моро ба нававариву бунёдкорӣ ва омӯзишу созандагӣ ангезиш додаву раҳнамой менамоянд.

***

Бо ибтикору роҳнамоии Президенти мамлакат дар кишварамон чорабиниҳои зиёди илмию адабӣ, озмунҳои бузурги «Фурӯғи субҳи доноӣ..», «Тоҷикистон - Ватани азизи ман», «Илмфурӯғи маърифат» гузаронида шуданд ва ин амалҳои нек мунтазам доир мешаванд, ки дар саҳифаҳои навини таърихи миллатамон ҷиёс надоранд. Бояд зикр намуд, ки чунин чорабиниҳои илмию фарҳангӣ дар кишварамон таҳаввулоти ҷиддӣ ва инқилоби фарҳангиеро ба вуҷуд оварданд, ки дар раванди шинохту эҳёи асолати миллии мо хусусияту бузурги таърихию сиёсӣ доранд.

***

Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзи аввалини интихоб ба сифати Сарвари давлати тоҷикон эълом доштанд, ки ҳадафи асосиашон истиқрори сулҳ, баргардонидани гурезаҳо ва ваҳдат мебошад. Таъкиди ибораи «Ман қасам ёд мекунам, ки тамоми донишу таҷрибаамро барои дар ҳар хона ва ҳар оила барқарор шудани сулҳ равона карда, барои гулгулшукуфоии Ватани азизам садоқатмандона меҳнат мекунам. Барои ноил шудан ба ин нияти муқаддас агар лозим шавад, ҷон нисор мекунам, чунки ман ба ояндаи неки Ватанам ва ҳаёти хушбахтонаи халқи азияткашидаам бовар дорам» дар аввалин суханронӣ далели қатъият дар кори сулҳ ва махсусияти шахсияти Пешвои миллат мебошад.

***

Дар таърихи давлатдории тоҷикон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз зумраи он шахсиятҳои бузурге маҳсуб меёбанд, ки на танҳо дар ташаккули рушди навини давлатдорӣ ва созандагию бунёдкориҳо, балки барои баланд бардоштани шаъну шараф ва нуфузи миллатамон корҳои зиёдеро ба анҷом расонидаанд.

***

Мардуми кишварро зарур аст, ки дар навбати аввал барои эҳдои Яздон – интихоби Сарвари хирадманду дилсӯз ва мардумӣ ба маънои том шукргузорӣ намуда, барои ободии кишвар, сулҳу ваҳдат, таҳкими арзишҳои динию маънавӣ ва фарҳангӣ дар атрофи Пешвои миллат муттаҳид гардида, баҳри татбиқи нақшаҳои нек — ҳифзи истиқлолият, дину оин, номуси ватандорӣ ва таъмини шароити хуб барои ояндаи миллат саҳм гузорад.

***

Маҳз бо заҳмату талошҳои пайгиронаи Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистон дар интиҳои асри XX аз фоҷиаи миллӣ раҳо ёфта, Истиқлолияти давлатии худро таҳким бахшид ва миллати тоҷик баъди ҳазор сол дар роҳи эҳёи давлатдории миллӣ ба дастовардҳои бузурги таърихӣ ноил гардид.

# ҒОЛИБИЯТ НАСИБИ КӢ ШУД?

Санаи 11-уми ноябри соли равон гурӯҳи беҳтарин сержантон, командирони взвод ва командирони рота аз қисмҳои ҳарбии Гвардияи миллӣ барои иштирок дар мусобиқаи навбатии зеҳнӣ-ҳарбӣ, ки аз ҷониби Раёсати тайёрии ҷангии Фармондеҳӣ ташкил карда шуд, дар майдони сафороии қисми ҳарбии 051055 ҷамъ омаданд. Аз воҳурӣ ва муносибати байниҳамдигарии хизматчиёни ҳарбӣ дар чеҳраи онҳо самимияту рафоқат, ифтихор аз хизмат ва мақсади бадаст овардани ғолибият эҳсос мешуд. Чун ҳар яки он дарси садоқату ҷавонмардиро омӯхтаанду дар қисми ҳарбӣ фаъолияти намунавӣ доранд.

Дар кушодашавии мусобиқаи зеҳнӣ-ҳарбӣ муовини Фармондеҳи Гвардияи миллӣ оид ба тайёрии ҷангӣ ва махсус полковники гвардия Одиназода Аъзам иштирок намуда, ба сержантон, командирони взвод ва





командирони рота, ки аз ҷониби масъулини қисмҳои ҳарбӣ ба мусобиқа интихоб шудаанд, муваффаққияту пирӯзӣ таманно кард. Аз ҷониби ҳайати ҳакамон дар ҳамин ҷо тартиби баргузорӣ ва шартҳои мусобиқа ба иштирокчиён хотиррасон карда шуд.

Дар асоси нақшаи мусобиқа иштирокчиён аз қисмҳои ҳарбӣ ду нафар сержант, як нафар командири взвод ва як нафар командири рота, дар чор марҳала рақобат намуда, барои бадаст овардани холи бештар ва ғолибият маҳорату малакаи худро нишон доданд.

Марҳилаи якуми мусобиқа бо гирифтани саволномаи тестӣ оғоз гардид, ки дар маҷмӯъ аз ҷониби ҳакамон 200 савол ба ҳар як иштирокчӣ пешниҳод карда шуд. Иштирокчиён кӯшиш ба харҷ доданд, ки ба саволномаи худ посухи дуруст гардонанд. Дар ин марҳала сержантони қисми ҳарбии 051052 Интизор Партоев ва Азиз Саидов дар маҷмуъ ба 252 савол посухи дурусту саҳеҳ гардонида, миёни сержантон зинаи аввалро соҳиб гаштанд. Дар байни командирони взвод лейтенанти гвардия Фирдавс Сафарзода аз қисми ҳарбии 051056 ва дар байни командирони рота лейтенанти калони гвардия Эмомалӣ Одиназода аз қисми ҳарбии 051059 соҳиби холҳои бештар гардиданд.

Марҳилаи дуюми мусобиқа ба қисмҳо ҷудо ва ҷамъ кардани силоҳи АК-74, ПК, ТМ ва тирпуркунӣ дар тирдон буд. Иштирокчиён аксарият ин шартро аз меъёр, яъне вақти муайяншуда пештар анҷом доданд. Вале аз рӯи шарти озмун беҳтарин иштирокчӣ бояд муайян карда шавад. Сержанти хурди гвардия Довудҷон Ҳақназаров аз қисми ҳарбии 051055 ин меъёрҳоро пештар иҷро намуд. Дар байни командирони взвод лейтенанти гвардия Фирдавс Сафарзода аз қисми ҳарбии 051056 ва дар байни командирони рота лейтенанти калони гвардия Кароматулло Нарзуллозода аз қисми ҳарбии 051062 муваффақ дониста шуд.

Марҳилаи дигари мусобиқа ташкил ва гузаронидани варзиши пагоҳирӯзӣ аз рӯи маҷмӯи машқҳои варзишӣ ва иҷрои машқи №6 турниккашӣ буд, ки иштирокчиён маҳорати худро дар майдончаи варзишии қисми ҳарбии 051052 нишон доданд. Дар ин марҳалаи мусобиқа дар байни командирони рота лейтенанти калони гвардия Эмомалӣ Одиназода аз қисми ҳарбӣ 051059 худро дар турник аз дигарон зиёд боло бардошта, ҷойи якумро ишғол намуд. Дар байни командирони взвод лейтенанти калони гвардия Парвиз Олимов аз қисми ҳарбӣ 051058 ва дар байни сержантон сержанти хурди гвардия Шаҳзод Атоев аз Маркази миллии таълимӣ оид ба мубориза бо терроризм ва маводи мухаддири фармондеҳӣ сазовори ҷойҳои якум гардиданд.

Марҳалаи ниҳоии мусобиқа бо тирпаронӣ дар тири электронӣ сурат гирифт. Иштирокчиён машқи таълимии тирпаронии №1-ро аз силоҳи АК-74 иҷро намуданд. Ин марҳала чун марҳалаи муайянкунандаи ғолибони мусобиқа буд. Иштирокчиён барои ба даст овардани холҳои ҷамъбастӣ кӯшишу ғайрати зиёд карда, беҳтаринҳо тавонистанд маҳорати касбии



худро намоиш диҳанд. Воқеан, аксарият тирҳои худро ба ҳадаф расониданд. Вале дар байни сержантон сержанти хурди гвардия Дилшоди Хайрулло аз қисми ҳарбии 051059, миёни командирони взвод капитани гвардия Фирӯз Рӯзизода аз қисми ҳарбии 051057 ва дар байни командирони рота майори гвардия Нозимзода Баҳром аз қисми ҳарбии 051057 ҳадафрасони беҳтарин эълон гардиданд.

*Дар маҷмӯъ аз руйи холҳои ҷамъбастии ҳайати ҳакамон беҳтаринҳои мусобиқаи зеҳнӣ-ҳарбӣ муайян гардиданд.*

*Дар байни командирони рота: лейтенанти калони гвардия Одиназода Эмомалӣ аз қисми ҳарбии 051059 - ҷойи якум, лейтенанти калони гвардия Кароматулло Нарзуллозода аз қисми ҳарбии 051062 - ҷойи дуюм, майори гвардия Баҳром Нозимзода аз қисми ҳарбии 051057 ҷойи сеюмро сазовор гардид.*

*Дар байни командирони взвод: лейтенанти гвардия Фирдавс Сафарзода аз қисми ҳарбии 051056 - ҷойи якум, капитани гвардия Фирӯз Рӯзизода аз қисми ҳарбии 051057- ҷойи дуюм ва лейтенанти калони гвардия Бахтовар Ғайратзода аз қисми ҳарбии 051052 – сазовори ҷойи сеюм гардид.*

*Дар байни сержантон, сержантони гвардия Дилшоди Хайрулло ва Идрис Усмонов аз қисми ҳарбии 051059 ҷойи якум, сержантони гвардия Интизор Партоев ва Азиз Саидов аз қисми ҳарбии 051052 - ҷойи дуюм ва сержантони гвардия Абдулҳақ Абдуҷаборзода ва Исматулло Абдураҳмонов аз қисми ҳарбии 051054 сазовори ҷойи сеюм гардиданд. Ғолибон дар ҷамъбасти таҳсили соли хониши 2021 бо тӯҳфаҳои арзанда сарфароз гардонида мешаванд.*

*Неъматуллои ХОЛИҚ*

# ҶАВОНОНРО АЗ ХАТАР ЭМИН ДОРЕМ

Дар шароити муосир мушкилоти терроризм ва экстремизми динӣ яке аз муаммоҳои глобалӣ ба ҳисоб меравад. Вазъияти сиёсии ҷаҳони имрӯза вазнин ва пешгӯинашаванда гаштааст. Ҷангҳои локалии давлатҳои алоҳида боиси тезу тунд шудани вазъияти сиёсии умумиҷаҳонӣ мебошанд. Хавфи оғоз гардидани ҷанги сеюми ҷаҳон бошандагони сайёраи заминро ба изтироб овардааст.

Терроризм ҳамчун воситае истифода мешавад, ки пушти он мақсадҳои ғаразноки қувваҳои муайян истодааст.

Олими намоёни рус А.Г. Асмолов оиди терроризм чунин ақида дорад. «Агар бо терроризм мубориза бурдан хоҳем, мо бояд донем, ки он се қиёфа дорад. Қиёфаи якуми он-фундаментализм чун идеологияи терроризм, дуюмин қиёфаи он-фанатизм ҳамчун психология, ки ба терроризм мебарад ва сеюмин қиёфаи он - терроризм ҳамчун технология мебошад.

Дуруст аст, ки аксарияти руйдодҳои террористӣ дар заминаи фундаментализми динӣ ба амал меояд. Гарчанде исбот шудааст, ки террорист миллат ва дин надорад!

Дар ягон таълимоти динӣ ақидаҳои зӯровариву фишор нисбати касе мушоҳида намешавад, алалхусус дар аркони дини ислом. Имрӯзҳо тамоми дунёро рафтори нохалафон, ашхосе, ки банди равияҳои ифротгаро гаштаанд, ба хашм овардааст.

Яке аз сабабҳои зиёд шудани тоифаи чунин шахсон ҷанг дар давлати Сурия мебошад. Одамони зиёди бегуноҳ ҳалок гашта, садҳо ашхоси дигар беватан, хору залил гаштанд.

Шумораи зиёди гурезагон вазъияти иқтисодӣ ва сиёсии давлатҳои Аврупоро халалдор намудааст. Дар байни гурезаҳо ашхоси ба терроризм ва экстремизм дастзада низ кам нестанд, ки ин ҳолати ниҳоят таҳдидовар барои на танҳо давлатҳои Аврупо, балки тамоми дунё мебошад.

Аъзоёни давлати бо ном исломӣ, толибон ба тамоми башарият таҳдид доранд, вазъи оламро ноором сохтаанд. Ин тоифа нохалафон дини мубини исломро «парчам» намуда, он гуна рафтор мекунанд, ки на танҳо ба арзишҳои исломӣ, балки ба арзишҳои ягон дини ҷаҳонӣ дуруст намеояд. Ҳатто зид ҳам ҳаст. Ҳол он ки дини мубини ислом яке аз динҳои таҳаммулпазири дунявӣ, маҳсуб меёбад. Арконҳои динӣ мусулмононро дар роҳи адолатпарварӣ, инсондӯстӣ, тоқатпазирӣ, бахшишу нексириштӣ талқин менамоянд.

Дар назди Худованд ҳама бандагон якранд: на араб аз форс ва на зардпӯст аз сиёҳпӯст ягон бартарие надорад ва онҳо баробарҳуқуқанд нисбати якдигар ва бартарии онҳо танҳо дар некӣ аст.

Мутаасифона, ташкилотчиёни ин равияҳои номатлуб дар ҳама ҷо ба таври пинҳонӣ ва ҳам ошкоро амал мекунанд. Фикри ҷавононро ба ақидаҳои динӣ ҷалб намуда, ҳатто идеяро ба ҷанг талқин кардаанд. Ин ҷо мо бо қиёфаи дуюми терроризм сару кор дорем. Мақсад ба психологияи ҷавонон дохил шуда, парасторони бо ном диннӣ дар он «донаҳои фанатизмро мешинонанд», ки меваи он заҳролуд аст ва мафкурраро вайрон мекунад. Фаъолияти чунин гуруҳҳоро ночиз донистан хатои мутлақ аст. Эмисарҳои онон дар тарғиботи худ аз технологияҳои муосири психологӣ ба таври хеле васеъ истифода мебаранд ва дар натиҷа шумораи ҷавононе, ки гирифтори домашон гардидаанд, кам нестанд.

Қиёфаи сеюмини терроризм аз дуи дигараш бармеояд.

Мо ин ҳолатро таи чанд сол дар тамоми дунё мушоҳида карда метавонем.

Дар ҳаққиқат агар нисбати ба вуҷуд омадани табаддулоти инқилобӣ дар якчанд давлатҳо диққат намоем, пай мебарем, ки онҳо аксар аз рӯйи як нақша, ё худ бо як мақсад ба амал оварда мешаванд.

Аз ин рӯ, аҳли Ҷумҳурии мо, махсусан ҷавонон бояд ба қадри сулҳу оромии кишварамон бирасанд. Хушёрии сиёсиро аз даст надиҳанд, побанди гуфтаҳои ғаразноки таблиғотчиёни равияҳои гуногуни экстремистиву террористӣ нагарданд. Балки муттаҳид бошем, сарҷамъона барои боз ҳам ободу зебо гардидани Ватани маҳбубамон - Тоҷикистон содиқонаву софдилона заҳмат кашем, бунёд кунем, хизмат намоем!

*Подполковники гвардия*
*Беҳзод РАҲИМЗОДА,*
*муовини командири қисми*
*ҳарбии 051063 оид ба*
*корҳои сиёсӣ-тарбиявӣ*

Родмардон
Муассис:
Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Оғози нашр:
25 январи соли 2006

Ҳайати таҳрир:
Сардори шуъбаи иттилоот ва робита бо ҷомеа полковники гвардия Хайринисо Комилзода, Неъматуллои Холиқ, Илоҳиҷон Насриддинов, Саодат Сатторӣ - хабарнигорон.

Мушовирон:
Фармондеҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-лейтенанти гвардия Бобоҷон Ҷамолзода, раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ, муовини раиси Ҳаракати ҷамъиятии ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон Рудобаи Мукаррам.

Идораи моҳнома ба андешаҳои муаллифони маводҳо на ҳама вақт ҷонибдор аст. Масъулияти саҳеҳии санаду иқтибосҳо ба зиммаи муаллифон аст. Маводҳо аз АМИТ «Ховар» истифода шуданд.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти рақами 706 аз 20 январи соли 2006 ба қайд гирифта шудааст.

Дизайн: А. Насриддинов
Суратгир:
М. Шоев
Адади нашр: 500 нусха